ФАРМОИШИ
РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «03» 09 соли 2026 № 336/бу ш. Душанбе

Дар бораи бозхонд намудани
парвандаи аттестатсионӣ оид ба дарёфти унвони илмӣ

Мутобиқи сархати шашуми моддаи 16 ва сархати ҳафтуми қисми 2 моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ”, сархати чоруми банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2021, №270 тасдиқ шудааст, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Бо хоҳиши Ализода Сабринисо Тиллав парвандаи аттестатсионии номбурда оид ба дарёфти унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси “Психология” аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, дар ин асос дархости Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон рад карда шавад.
2. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ (Мавзуна Каримзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб ҷойгир намояд.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб Ализода С.Т. аз 02 сентябри соли 2026 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ.

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ